Дар охири умматам мардуме хоҳанд, буд, ки барои шумо суханҳое мегӯянд, ки шумо ва падаронатон нашунидаед, пас аз онон дур бошед

Аз Абуҳурайра (разияллоҳу анҳу) ривоят аст, ки Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуд: "Дар охири умматам мардуме хоҳанд, буд, ки барои шумо суханҳое мегӯянд, ки шумо ва падаронатон нашунидаед, пас аз онон дур бошед."
[Саҳеҳ] [رواه مسلم]

Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) хабар доданд, ки дар охири умматаш одамоне пайдо мешаванд, ки дурӯғ мебанданд ва чизҳое мегӯянд, ки касе пеш аз онон нагуфтааст ва ҳадисҳои дурӯғин ва сохтаро нақл мекунанд. Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) моро амр намуданд, ки аз онон дурӣ кунем ва бо онон ҳамнишин нашавем ва ба суханонашон гӯш надиҳем. Мабодо ин гапи бофта ва дурӯғ дар зеҳни мардум ҷой гирад ва мо аз он халос шуда натавонем.

http://www.sunnah.global/hadeeth/tg/show/65076